ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

Қ. Ҳ. ҚАҲОРОВ, Д.А.БОБОАЗИЗОВ, Т.К.МИРЗОЕВ

# ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ

**(фунгитсидҳо: аз фанни ҳимояи наботот барои таҳсилоти бакалавр, магистр ва фосилавӣ)**



**Д У Ш А Н Б Е, 2 0 2 5**

**«Тасдиқ мекунам»**
**муовини ректор оид ба таълим**
**дотсент Бобозода Ш.Қ.**

**____________________________**

**аз «_____» _________ с.2024**

# ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ

**(фунгитсидҳо: дастури таълимӣ барои машғулиятҳои амалӣ ва мустақилонаи донишҷӯён)**




**ТДУ 632.936.2**

Дастури таълимии мазкур барои донишҷӯёни ихтисосҳои равияҳои агрономӣ. боғдорӣ ва агробизнес, инчунин ба хоҷагидорону фермерони ҳавасманд пешниҳод карда мешавад.

**Муқарризон:** **Толихов Ҷ.А.**-мудири шуъбаи ҳимояи растаниҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, номзади илмҳои кишоварзӣ.
**Худойкулов Б.С.**- дотсенти кафедраи хоҷагии ҷангал ва бунёди чаманзори ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур, номзади илмҳои кишоварзӣ

**Муҳаррир:** ***Дӯстов К.О.*** -мудири кафедраи забони тоҷикии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, дотсент

Бо қарори Шурои методии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширидшоҳ Шоҳтемур аз «26» октябри соли 2024, протоколи №2 ба чоп тавсия карда шудааст.

***© Қаҳоров Қ.Ҳ., Бобоазизов Д.А., Мирзоев Т.К.***

# МУНДАРИЧА

## ТАВСИФИ ФУНГИТСИДҲО ВА ИСТИФОДАИ ОНҲО







**Сарсухан** …………………………………………………………………………….. 4
Моеъи бордосӣ ..........................................................................................5
ХОМ...............................................................................................................7
Сулфур (*Олтингӯгирди хока*) …… ........................................................9
Арсерид.......................................................................................................10
Ридомил Голд Мс......................................................................................11
Байлетон .....................................................................................................12
Топаз ...........................................................................................................14
Топсин-М....................................................................................................16
Тилт.............................................................................................................18
Фоликур......................................................................................................19
Панч ............................................................................................................20
Курзат Р ......................................................................................................21
Колосал.......................................................................................................22
Косайд 2000...............................................................................................23
***Заҳролудкунандаҳо*** ……………………………………………………….24
Бронотак.....................................................................................................24
Витавакс 200 ФФ.......................................................................................25
Раксил..........................................................................................................26
Суми - 8 ФЛО……………………………………………………………….. 27
Видат Л (*нематитсид*) ……………………………………………………..28
Истифодабарии воситаи ҳифзи растаниҳо дар зироатҳои асосии кишоварзӣ……..29
Амалиётҳои шартӣ ………………………………………………………….31
Адабиёт………………………………………………………………………..…32
..



## САРСУХАН

**Пеститсидҳо т**ибқи таъиноташон ба заҳрдоруҳои кимиёвии нишонаи заҳрнок дохил мешаванд. Маънои калима, ки решааш лотинӣ: «пеститс» - мараз ва «сидо» мекушам мебошад. Пеститсидҳоро барои мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасон, касалиҳои растанӣ ва алафҳои бегона истифода мебаранд. Гуфтан мумкин, ки ин яроқи инсон аст, ки бо ёрии онҳо барои ҳосил бо рақибашон - ҳашаротҳо, барангезандаҳои касалиҳо ва алафҳои бегона «мубориза» мебаранд.

**Пеститсидҳо аз рӯйи истифодабаришон ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:**

- ***Инсектитсидҳо ва акаритсидҳо - заҳрдоруҳо барои мубориза бар зидди ҳашаротҳо ва тортанакканаҳо.***
- ***Гербитсидҳо - заҳрдоруҳо барои мубориза бар зидди алафҳои бегона.***
- ***Фунгитсидҳо - заҳрдоруҳо барои мубориза бар зидди касалии растаниҳо.***

Истифодаи пайвастаҳои кимиёвии мубориза бар зидди ин ё он мавзеи зараррасон, ба муҳити атроф ва сиришти инсон зарари манфӣ мерасонад. Бинобар ҳамин барои истифодаи оқилонаи пеститсидҳо диққати ҷиддӣ дода, ҳангоми бағоят зарурат будан ва дар якҷоягии дигар усулҳои ҳифз (агротехникӣ, биологӣ ва механикӣ) гузаронидан лозим аст.

**Фунгитсидҳо** феълан ба пешгирикунанда (муҳофизавӣ) ва табобатӣ (нест кардан) ҷудо мешаванд. Фунгитсидҳои пешгирикунандаро бо мақсади пешгирӣ истифода мебаранд. Онҳоро то рӯй додани сироятёбии растаниҳо истифода мебаранд. Онҳо сироятёбии касалиро пешгирӣ мекунанд ва ба неш задани спораҳо (конидий) ва инкишофи қади найчаҳои сирояткунанда таъсир мерасонанд. Заҳрдоруҳои мазкурро табобатӣ меноманд, зеро баъди сироятёбӣ ҳангоми коркард бо онҳо касалии растаниҳоро пахш менамояд.

Инсектитсидҳо аз рӯйи таъсирнокиашон ба алоқавӣ ва мунтазам ҷудо мешаванд. Фунгитсидҳои мунтазам гуфта заҳрдоруҳое дар назар дошта мешавад, ки қудрати ба рагу пайи растаниҳо ҳаракат кардан дорад. Аксар ҳолатҳо фунгитсидҳои мунтазам амалиёти табобатиро доранд. Фунгитсидҳои алоқавӣ бошад дар сатҳи ҳамвори растанӣ боқӣ мемонад.

Тибқи таъиноташон **фунгитсидҳо** ба заҳрдоруҳо барои коркарди тухмиҳо - заҳролудкунанда ва фунгитсидҳое, ки барои пошидан ба растаниҳо, дохили хок кардан, ҳамчунин коркарди маҳсулот ҳангоми захира кардани онҳо ҷудо мешаванд.

Ҳангоми истифодаи фунгитсидҳо барои таъсиррасонии бобарори онҳо хело муҳим аст, ки ба болои растаниҳо бояд пурра заҳрдору пошида шавад. Заҳрдоруро аввал ба миқдори зиёди об ҳал менамоянду сипас барои пошидан дорупошакҳои махсус ва ё генераторҳои аэрозолиро истифода мебаранд.

Инкишофи устуворӣ ба **фунгитсидҳои табобатӣ** хеле зуд-зуд ба амал меояд ва чараёни мазкур нисбат ба инкишофи устуворӣ фунгитсидҳои пешгирикунанда зудтар амалӣ мешаванд. Бинобар ҳамин ҳангоми гузаронидани чораҳои муҳофизатӣ фунгитсидҳои пешгирикунандаро истифода бурдан лозим аст.

# Моеъи бордосӣ

***Фунгитсиди амалаш муҳофизи алоқавӣ***

**Моддаи таъсиркунанда: Купороси мис (даҳони фаранг) + Оҳак**

**Механизми амалкунанда**

Фунгитсиди амалаш муҳофизи алоқавӣ. Бо сабаби нозукии махсус он қудрати ниҳоят баланди часпандагӣ дорад. Маҳлулаш молики самаранокии баланд ва давраи таъсири давомнокии заруриаш барои коркарди барвақтӣ ва бевақтии тобистона дорад. Имкон медиҳад, ки фавқулодда бо касалиҳои гуногун самаранок мубориза бурда шавад. Соҳиби қувваи махсуси бактериостастикӣ мебошад, ки истифодаи васеи онро барои пешгирии касалиҳои бактериалӣ тасдиқ менамояд. Заҳрдору барои тайёр намудан талаби махсус дорад.

**Хусусиятҳои истифодабарӣ**

Тавсия дода мешавад, ки заҳрдоруро дар дарахтони мевагӣ ва зироатҳои сабзавотӣ бар зидди спектори васеи касалиҳои занбӯруғӣ ва бактериалӣ истифода баранд. Тайёр намудани маҳлули корӣ тез гузаронида мешавад ва суспензияи ба даст оварда устувории баланд дорад. Тавсия дода мешавад, ки аввали баҳор дар давраи оромии растанӣ бо маҳлули 3% дорупошии сабз гузаронида шавад ва дар давраи нашъунамо ба ҳамаи зироатҳо бемаҳдуд маҳлули 1% истифода бурда шавад. Коркарди охирин 28 рӯз пеш аз ҷамъоварии ҳосили себ, ангур, ҳамчунин 10 рӯз пеш аз ҷамъоварии меваи помидорҳо гузаронида шавад.

**Тайёр кардани маҳлули корӣ;**

Барои ба даст овардани моеъи 1 % бордосӣ 1кг даҳони фаранг ва 1 кг оҳаки навшукуфонидашуда ва 100 литр об мегиранд. Дар зарфи чӯбин ва ё пластмассагӣ (металлиро истифода бурдан мумкин нест) 50 литр оби гарм ва дар он даҳони фарангро маҳлул мекунанд.

Дар зарфи дигар 1 кг оҳакро мешукуфонанд ва ба он 10 литр об мерезанд. Шири ҳосилшудаи оҳакиро соф мекунанд ва то 50 литр об илова мекунанд. Вақте, ки ҳарду маҳлул хунук мешавад, маҳлули даҳани фарангро бо фавраки борик ба шираи оҳаки рехта бо ҷидду ҷаҳд меомезанд. Хеле муҳим аст, ки нишондоди пайдарҳамӣ риоя карда шавад.

Моеъи дуруст тайёр кардашудаи бордосӣ ранги кабуди осмонӣ ва бетарафӣ ва ё ишқорнокии аксуламалаш суст дорад.

Барои муайян намудани аксуламал ба моеъ қоғазӣ лакмусӣ мепартоянд. Агар қоғазчаи сурх кабуд шавад ва кабудӣ тағйир наёбад моеъи бордосӣ дуруст тайёр карда шудааст.

Агар чунин қоғазак набошад, ба моеъ ягон ҷисми оҳанин (корд ва ё мех) мепартоянд. Агар баъди 2 - 3 дақиқа дар ҷисм ранги сурхчатоби мис пайдо шавад, ба он шири оҳакиро илова кардан лозим аст.

Ба сифати моеъи бордосӣ сифати оҳак ва ҳарорат таъсир мекунад. Ҳангоми омехтан чӣ қадаре маҳлул хунуктар бошад, ҳамон қадар беҳтар аст.

Агар зарурати тайёр кардани маҳлули 3% пайдо шавад, он вақт ба таври мувофиқ 3 кг даҳони фаранг ва 3 кг оҳак мегиранд.

**Заҳрнокшавӣ**

Дар меъёри тавсияшуда ба наботот безаҳр мебошад. Заҳрдору барои занбӯри асал миёназаҳр аст. Моеъи бордосӣ барои ҳашаротҳои фоидаовар камзаҳр буда, ҳангоми аз ҳад зиёди истифодабарии меъёри сарфа дар давраи нашъунамо ба сӯхтан ва азияти сабзиши мева ва сабзавотҳо оварда мерасонад. Моеъи бордосӣ бо заҳрдоруҳои дигар ғунҷоишиннопазир аст.

**Меъёри сарфа ва мавзеи зарраррасон**

| Зироат | Мавзеи зараррасон | Мухлати коркард |
|---|---|---|
| Ток | Антракноз | маҳлули 3% то пайдошавии муғчабандӣ, маҳлули 1% дар давраи нашъунамо |
| Себ | Қӯтур, монилиоз, саратони бактериалӣ | маҳлули 3% то пайдошавии муғчабандӣ, маҳлули 1% дар давраи нашъунамо |
| Помидор | Фитофтороз, алтернариоз, доғзании сиёҳи бактериалӣ | маҳлули 1% дар давраи нашъунамо |
| Картошка | Фитофтороз | маҳлули 1% дар давраи нашъунамо |
| Пиёз | Переноспороз, занга, пӯсишҳо | маҳлули 1% дар давраи нашъунамо |
| Бодиринг | Антракноз, переноспороз, аскохитоз, доғзании зайтунӣ, бактериоз. | маҳлули 1% дар давраи нашъунамо |
| Шафтолу | Бурмашавии барги шафтолу, саратони бактериалӣ | маҳлули 3% то пайдошавии муғчабандӣ |
| Зардолу | Клястероспориоз (доғзании сӯрохи), монилиоз | маҳлули 3% то пайдошавии муғчабандӣ маҳлули 1% дар давраи нашъунамо |
| Олуча - бандак ва гелос | Клястероспориоз (доғзании сӯрохи), монилиоз, саратони бактериалӣ | маҳлули 3% то пайдошавии муғчабандӣ маҳлули 1% дар давраи нашъунамо |






# ХОМ

***Фунгитсиди амалаш ҳифзии алоқавӣ***

**Моддаи таъсиркунанда: Хлорокиси мис**

**Шакли ташреҳкунанда: Хокаи намкардашуда**

**Механизми амалкунанда**

ХОМ амали пешгирикунандаи касалӣ, табобатӣ ва нобуд кардан дорад. Хлорокиси мис фермент ва қисматҳои ҳаётан муҳими ҳуҷайраҳои зараровarандаи занбӯруғро пахш менамояд. Тибқи самаранокиаш заҳрдору амалан аз моеъи бордосӣ гузашт намекунад, аммо дар болои баргҳо хуб нигоҳ дошта намешавад. Ба равшании офтоб, намӣ ва ҳарорати баланд устувор.

**Хусусиятҳои истифодабарӣ**

Моеъи кориро барои пошидан худи ҳамон рӯз истифода бурдан лозим аст. Давраи амали муҳофизаташ 10 - 14 рӯз буда, суръати таъсирнокиаш на бештар аз 3 рӯз аст. Маҳлули кориро ба растанӣ дар нашъунамо ҳангоми пайдошавии нишонаҳои касалӣ мепошанд, ки баробар тар шудани баргҳо таъмин гардад. Устувории барангензандагони касалиҳо ба заҳрдору пайдо намешавад.

**Заҳрнокшавӣ**

Заҳрдору барои бисёрии зироатҳо заҳрнок нест, вале дар баъзе растаниҳо ҳассос дар ҳавои намнок сӯзиш ва дар меваҳо тӯри сиёҳтоб пайдо шуданаш мумкин. Бинобар он дар минтақаи тобистонаш хушк самаранокии заҳрдору нисбат дар ҳавои намнок бештар аст. ХОМ барои занбӯри асал камзаҳр буда, барои болиғи тиллочашмак заҳрнок нест, вале барои трихограмма хатарнок аст. Бо бисёрии пеститсидҳо, фаъолияти биозаҳрдоруҳоро дар асоси Батсиллюс туриенгиенсис паст намегардонад.

**Меъёри сарфа ва мавзеи зарррасон**

| Зироат | Мавзеи зараррасон | Меъёри сарфа (кг/га) | Муҳлати коркард | Вақти интизорӣ (рӯз) | Маротибаи коркард |
|---|---|---|---|---|---|
| Картошка | Фитофтороз, макроспориоз, алтернариоз | 2,4 – 3,2 | Пошидан дар давраи нашъунамо бо маҳлули кории 0,4% | 20 | 5 |
| Лаблабуи қанд | Серкоспороз | 3,2 – 4,0 | Пошидан дар давраи нашъунамо | 20 | 3 |
| Помидор | Фитофтороз, макроспориорз, доғзании сиёҳтоб | 2,4 – 3,2 | Пошидан дар давраи нашъунамо бо маҳлули кории 0,4% | 20 | 4 |
| Бодиринг | Перноспороз, атракноз, бактериоз | 2,4 | Пошидан дар давраи нашъунамо | 20 | 3 |
| Пиёз | Пероноспороз | | | 20 | 3 |
| Себ, нок, биҳӣ | Қӯтур, монилиоз, саратони бактериалӣ | 4,0 – 8,0 | Пошидан дар давраи нашъунамо бо маҳлули кории 0,4% | 20 | 4 |

**Калибровкакунӣ**

| Мавзеи зарраррасон ↓ | Миқдори захрдору барои 1 маротиба пур кардани дорупошак вобаста ба майдон, гр. | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Майдон дар садяк → | **0,5** | **1,0** | **1,5** | **2,0** | **2,5** | **3,0** |
| Фитофтороз, макроспориоз, алтернариоз (картошка) | 16 | 32 | 48 | 64 | 80 | 96 |
| Серкоспороз (лаблабуи қанд) | 20 | 40 | 60 | 80 | 100 | 120 |
| Перноспороз, антракноз, бактериоз (бодиринг) | 12 | 24 | 36 | 48 | 60 | 72 |
| Қӯтур, монилиоз (себ, нок, биҳӣ) | 40 | 80 | 120 | 160 | 200 | 240 |

- Ҳаҷми 1 дорупошак - 5 - 15 литр.
- Дар саҳифаи 23 маълумоти муфассал доир ба истифодабарии ҷадвали калибровкакунӣ пешниҳод шудааст.
- Усули калибровкакунии контсетратсионӣ: **ХОМ - 40,0 гр. дар 10 л об.**
- Дар саҳифаи 24 маълумот доир ба усули калибровкакунии консетратсионӣ пешниҳод шудааст.






# СУЛФУР (ОЛТИНГӮГИРДИ ХОКА)

***Фунгитсиди ҳифзии амалаш алоқавӣ***

**Моддаи тасиркунанда: Сулфур**

**Шакли ташреҳкунанда: 80% хока**

**Механизми амалкунанда**

Сулфур бухор шуда ба спора ва танаи занбӯруғҳо ворид мешавад. Дар ҳуҷайраҳои барангезандаи касалӣ гидрогени сулфур ба амал меояд, ки он фаъолияти барангезандаи касалиро пахш мекунад.

**Хусусиятҳои истифодабарӣ**

Олтингӯгирди хокамонанд - ин заҳрдоруи хока монанди сулфури одии рангаш зарди истифодашаванда барои мубориза бар зидди касалиҳои замбӯруғии растанӣ ва тортанакканаҳои ҳамахӯри растаниҳо, ҳамчунин барои тайёр намудани ҷӯшобаи сулфури оҳакдор мебошад. Бо усули чангкунии растаниҳо истифода мешавад. Барои мубориза бо гардзанӣ дар ҳамаи зироатҳо тавсия дода мешавад. Коркардро пагоҳии барвақт ба шабнам ва ё баъди борон дар ҳавои бешамол мегузаронанд. Тавсия дода мешавад, ки дар давраи нашъунамо истифода баранд. Барои он ки самаранокии сулфур таъмин гардад зарур аст, ки ҳамаи баргҳо баробар бо заҳрдору пӯшонида шаванд. Ҳангоми ҳарорати ҳаво 20$^{0}$С сулфур камсамар, вале ҳангоми бештар нисбати 35$^{0}$С ба растанӣ зарар мерасонад. Вақте ки растаниҳо аз хушкӣ азият мекашанд, олтингӯгирди хокаро истифода бурдан мумкин нест.

**Заҳрнокшавӣ**

Дар шароити намнокии баланд мумкин дар баъзе зироатҳо сӯхтанӣ мушоҳида шавад. Аз ҳама бештар ба сулфур ҳассосиро навъҳои калонбарги буттамевагӣ ва кадугиҳо дарк мекунанд.

Сулфур камзаҳр барои гармхунҳо ва одам, вале ҳодисаҳое ҳастанд, ки ҳангоми аз чанги сулфур дурудароз нафас кашидан гирифтори касалии шуш шудаанд. Сулфури хокамонанд мумкин боиси пайдошавии шукуфа гардад, бинобар он зарур аст, ки қоидаҳои бехатарӣ қатъиян риоя карда шавад.

**Меъёри сарфа ва мавзеи зараррасон**

| Зироат | Мавзеи зараррасон | Меъёри сарфа (кг/га) | Мӯҳлати коркард | Вақти интизорӣ (рӯз) | Маротибаи коркард |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи зироатҳо | Гардзанӣ | 15-30 | Пошидан дар давраи нашъунамо | 1 | 3-5 |

**Калибровкакунӣ**

| Мавзеи зараррасон ↓ | Миқдори заҳрдору барои 1 маротиба пур кардани дорупошак вобаста ба майдон, гр. | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Майдон дар садяк → | **0,5** | **1,0** | **1,5** | **2,0** | **2,5** | **3,0** |
| Гардзанӣ | 150 | 300 | 450 | 600 | 750 | 900 |

- Ҳаҷми 1 дорупошак - 5 - 15 литр.
- Дар саҳифаи 23 маълумоти муфассал доир ба истифодабарии ҷадвали калибровкакунӣ пешниҳод шудааст.
- Усули калибровкакунии контсетратсионӣ: **Сулфур - 300,0 гр**.
- Дар саҳифаи 24 маълумот доир ба усули калибровкакунии консетратсионӣ пешниҳод шудааст.

## АРСЕРИД

***Фунгитсиди амалаш алоқавӣ - мунтазам***

**Қиёсҳо: МЕТАКСИЛ**

**Моддаи таъсиркунанда: Металаксил + Поликарбасин**
**Шакли ташреҳкунанда: 60% хокаи намкардашуда**

**Механизми амалкунанда**

Арсерид амалиёти алоқавии мунтазам дорад. Вай дар муддати 2 - 3 соат баъди коркард ба растанӣ аз баргу пояҳо дохил шуда, дар оянда ҳимоятгари он мегардад.

**Хусусиятҳои истифодабарӣ**

Тавсия шудааст, ки барои истифодабарии васеъ бар зидди фитофтороз ва макроспориоз дар кишти картошка дар давраи нашъунамо бо суспензияи 0,5-0,6% бо усули дорупоши ба кор баранд. Арсерид ҳамчунин барои мубориза бар зидди касалиҳои бавуҷудоварандаи занбӯруғҳои пероноспоровагӣ дар бодиринг ва помидор тавсия шудааст. Барои пешгирии инкишофёбии устуворӣ мувофиқи мақсад аст, ки бо фунгитсидҳои гурӯҳҳои дигари кимиёвӣ иваз карда шавад.

**Заҳрнокшавӣ**

Дар меъёрҳои тавсия шуда барои наботот безаҳр аст. Ҳангоми тайёр кардани омехтаи вай зарур аст, ки мутобиқати он бо пеститсидҳои дигар ва заҳрнокшавии он ба зироатҳои коркард мешуда санҷида шавад. Миёназаҳр, бинобар он зарур аст, ки чораҳои бехатарӣ ва қоидаи коркард риоя шавад.

**Меъёри сарфа ва мавзеи зараррасон**

| Зироат | Мавзеи зараррасон | Меъёри сарфа (кг/га) | Муҳлати коркард | Вақти интизорӣ (рӯз) | Маротибаи коркард |
|---|---|---|---|---|---|
| Картошка | Фитофтороз, макроспориоз, алтернариоз | 2,5 | Дар давраи нашъунамо | 20 | 3 |
| Бодиринг дар замини кушод | Пероноспороз | | | 3 | 2 |
| Помидор | Фитофтороз, алтернариоз | | | 3 | 3 |
| Пиёз | Пероноспороз | | | 5 | 3 |

**Калибровкакунӣ**

| **Мавзеи зарараcон** ↓ | **Миқдори заҳрдору барои 1 маротиба пур кардани дорупошак вобаста ба майдон, гр.** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Майдон дар садяк → | **0,5** | **1,0** | **1,5** | **2,0** | **2,5** | **3,0** |
| Фитофтороз, алтернариоз (картошка) | 12,5 | 25 | 37,5 | 50,0 | 62,5 | 75,0 |
| Переноспороз (бодиринг) | 12,5 | 25 | 37,5 | 50,0 | 62,5 | 75,0 |
| Фитофтороз, алтернариоз (помидор) | 12,5 | 25 | 37,5 | 50,0 | 62,5 | 75,0 |
| Переноспороз (пиёз) | 12,5 | 25 | 37,5 | 50,0 | 62,5 | 75,0 |

- Ҳаҷми 1 дорупошак - 5 - 15 литр.
- Дар саҳифаи 23 маълумоти муфассал доир ба истифодабарии ҷадвали калибровкакунӣ пешниҳод шудааст.
- Усули калибровкакунии контсетратсионӣ: **Арсерид - 25,0 гр дар 10 л об.**
- Дар саҳифаи 24 маълумот доир ба усули калибровкакунии консетратсионӣ пешниҳод шудааст.

# РИДОМИЛ ГОЛД МС

***Фунгитсиди пешгирикунанда, амалаш маҳвфкунандаи алоқавӣ - мунтазам***

**Қиёсҳо: МЕТАКСИЛ**

**Моддаи таъсиркунанда: Манкосеб + Металаксил**

**Шакли ташреҳкунанда: 68% хокаи намкардашуда**

**Механизми амалкунанда**

Металаксил амалиёти пешгирикунандаи касалӣ, табобатӣ ва барҳамдиҳии алоқавӣ- мунтазам дорад. Вай дар муддати 0,5 - 1 соат баъди коркард аз байни барг ва поя ба растанӣ дохил мешавад, қудрати табобат кардани растанӣ дар ҳолати сирояти барвақтӣ ва ҳифзи ояндаи онро дорад. Манкосеб ташкил намудани қабати ҳифзиро метозонад.

**Хусуситҳои истифодабарӣ**

Металаксил барои мубориза бо касалиҳои бавуҷудоварандаи замбӯруғи переноспоровии картошка, ангур, бодиринг ва помидор тавсия шудааст. Коркарди аввалин - пешгирикунии касалӣ, минбаъдааш бо фосилаи 10 - 14 рӯз аст. Дорупоширо ба навбунёдҳо, растаниҳои фаъолона сабзида истифода бурдан лозим, чунки дар онҳо заҳрдору зудтар ҳаракат мекунад. Барои пешгирии инкишофёбии устуворӣ мувофиқи мақсад аст, ки бо фунгитсидҳои гурӯҳи дигари кимиёвӣ иваз карда шавад.

**Заҳрнокшавӣ**

Дар меъёри тавсияшудаи он ба наботот заҳрнок нест. Ҳангоми тайёр кардани омехтааш зарур аст, ки мутобиқати он бо инсектитсидҳо ва заҳрнокшавии зироатҳои коркард мешуда санҷида шаванд. Камзаҳр, вале зарур аст, ки чораҳои бехатарӣ ва қоидаи коркард риоя шавад .

**Меъёри сарфа ва мавзеи зараррасон**

| Зироат | Мавзеи зараррасон | Меъёри сарфа (кг/га) | Муҳлати коркард | Вақти интизорӣ (рӯз) | Маротибаи коркард |
|---|---|---|---|---|---|
| Картошка | Фитофтороз, макроспориоз, алтернариоз | 2,5 | Пошидан дар давраи нашъунамо | 14 | 3 |
| Бодиринг дар замини кушод | Пероноспороз | | | 5 | 3 |
| Помидор | Фитофтороз, алтернариоз | | | 10 | 4 |
| Пиёз | Пероноспороз | | | 15 | 3 |

**Калибровкакунӣ**

| **Мавзеи зараррасон** | **Микдори захрдору барои 1 маротиба пур кардани дорупошак вобаста ба майдон, гр.** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ↓ Майдон дар садяк → | **0,5** | **1,0** | **1,5** | **2,0** | **2,5** | **3,0** |
| Фитофтороз, алтернариоз (картошка) | 12,5 | 25 | 37,5 | 50,0 | 62,5 | 75,0 |
| Переноспороз (бодиринг) | 12,5 | 25 | 37,5 | 50,0 | 62,5 | 75,0 |
| Фитофтороз, алтернариоз (помидор) | 12,5 | 25 | 37,5 | 50,0 | 62,5 | 75,0 |
| Переноспороз (пиёз) | 12,5 | 25 | 37,5 | 50,0 | 62,5 | 75,0 |

- Ҳаҷми 1 дорупошак - 5 - 15 литр.
- Дар саҳифаи 23 маълумоти муфассал доир ба истифодабарии ҷадвали калибровкакунӣ пешниҳод шудааст.
- Усули калибровкакунии контсетратсионӣ: **Ридомил Голд - 25,0 гр дар 10 л об.**
- Дар саҳифаи 24 маълумот доир ба усули калибровкакунии консетратсионӣ пешниҳод шудааст.

# БАЙЛЕТОН

***Фунгитсиди пешгирикунандаи амалаш муntазам***

**Моддаи таъсиркунанда:** **Триадимефон**

**Шакли ташреҳкунанда: 5 % хокаи намкардашуда**

**Механизми амалкунанда**

Фунгитсиди мунтазам барои мубориза асосан бар зидди гардзанӣ ва зангҳо дар бисёр зироатҳои кишоварзӣ истифода бурда мешавад. Заҳрдоруро растанӣ аз байни реша ва баргҳояш ҷаббида мегирад. Амали хуби муҳофизӣ ва табобатӣ дорад.

**Хусуситҳои истифодабарӣ**

Заҳрдору барои ҳама намудҳои дорупошак мувофиқ мебошад. Тавсия дода мешавад, ки ҳангоми пайдошавии нишонаҳои аввалини касалӣ истифода шавад, вале дар ҳолати дер мондан бо коркард фарқ надорад, самаранокии мусбат ба назар мерасад. Барои пешгирии инкишофёбии устуворӣ тавсия медиҳанд, ки бо заҳрдоруҳои дигар иваз карда шавад. Ҳангоми риоя накардани тавсия ба заҳрдору зуд устуворӣ пайдо мешавад.

**Заҳрнокшавӣ**

Заҳрдору барои занбӯри асал, ҳашаротҳои дигари фоидаовар ва наботот заҳрнок намебошад. Барои гармхунҳо заҳрнокиаш миёна, боиси кӯтоҳмуддат варам кардани пӯст мегардад. Зарур аст, ки чораҳои бехатарӣ ва қоидаи коркард риоя карда шавад.

**Меъёри сарфа ва мавзеи зараррасон**

| Зироат | Мавзеи зараррасон | Меъёри сарфа (кг/га) | Муҳлати коркард | Вақти интизорӣ (рӯз) | Маротибаи коркард |
|---|---|---|---|---|---|
| Гандуми баҳорӣ ва тирамоҳӣ | Гардзанӣ, занга, септориоз | 0,5 – 1,0 | Пошидан дар давраи нашъунамо бевосита бо зоҳиршавии аввалин аломатҳои касал | 20 | 2 |
| Ҷави баҳорӣ ва тирамоҳӣ | Гардзанӣ, занга, доғзании тӯр монанд | | | | 2 |
| Лаблабуи қанд | Гардзанӣ, занга, | 0,6 | Пошидан дар давраи нашъунамо | 20 | 3 |
| Бодиринг дар замини кушод | Гардзанӣ | 0,6 – 0,12 | | 20 | 4 |
| Помидор дар гармхона | | 0,2 – 0,8 | | 10 | 2 |
| Себ | Гардзанӣ, кӯтур | 1 - 4 | | 20<br>20 | 6<br>3 |
| Ток | Гардзанӣ, пӯсиши хокистарранг | 0,15 – 0,2 | | 30 | 6 |

| Зироат | Мавзеи зараррасон | Меъёри сарфа (кг/га) | Мухлати коркард | Вақти интизорӣ (рӯз) | Маротибаи коркард |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷуворимакка | Сараки қулбадор, пӯсиши реша, фузариоз, мағораи сӯта | 0,15 | Пошидани кишти тухмӣ дар давраи партофтани ҷӯробак | 20 | 1 |
| Қоти сиёҳ | Гардзанӣ | 0, 3 | Пошидан то гулкунӣ ва баъди ҷамъоварии ҳосил | - | 2 |
| Қулфинай | Гардзанӣ, пӯсиши хокистарранг | 0,35 – 0,4 | Пошидан то гулкунӣ ва баъди ҷамъоварии ҳосил<br>Дар парваришгоҳҳо ва модарӣ бе маҳдудият | - | 2 |
| Олу | Сӯрохии доғдор, пӯсиши мевагӣ, сӯхтани монилиалӣ | 0,06 - 0,012 | Пошидан дар давраи нашъунамо | 12 | 1 |

**Калибровкакунӣ**

| **Мавзеи зараррасон** | **Миқдори захрдору барои 1 маротиба пур кардани дорупошак вобаста ба майдон, гр.** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Майдон дар садяк → | **0,5** | **1,0** | **1,5** | **2,0** | **2,5** | **3,0** |
| Гардзанӣ, кӯтур (себ) | 20 | 40 | 60 | 80 | 100 | 120 |
| Гардзанӣ, занга, септориоз (гандум) | 5 | 10 | 15 | 20 | 25 | 30 |
| Гардзанӣ (помидор) | 4 | 8 | 12 | 16 | 20 | 24 |
| Гардзанӣ, пӯсиши хокистарранг (қулфинай) | 2 | 4 | 6 | 8 | 10 | 12 |
| Гардзанӣ (лаблабуи қанд) | 3 | 6 | 9 | 12 | 15 | 18 |

- Ҳаҷми 1 дорупошак - 5 - 15 литр.
- Дар саҳифаи 23 маълумоти муфассал доир ба истифодабарии ҷадвали калибровкакунӣ пешниҳод шудааст.
- Усули калибровкакунии контсетратсионӣ: **Байлетон - 10,0 гр дар 10 л об**.
- Дар саҳифаи 24 маълумот доир ба усули калибровкакунии консетратсионӣ пешниҳод шудааст.

# ТОПАЗ

***Фунгитсиди пешгирикунанда, табобатӣ, маҳвфкунандаи мунтазам***

**Моддаи таъсиркунанда: Пенконазол**

**Шакли ташреҳкунанда: 5 % эмулсияи консентратӣ**

**Механизми амалкунанда**

Ба гурӯҳи триазолҳо дохил мешавад. Фунгитсиди мунтазам тез ба растанӣ дохил мешавад, борон шуста намебарад, баъди 2 соати пас аз коркард инкишофёбии касалӣ қатъ мегардад.

**Хусусиятҳои истифодабарӣ**

Истифодаи пешгирикунанда натиҷаи беҳтарин медиҳад. Меъёри сарфаи заҳрдору аз давраи сабзиши зироат ва дараҷаи инкишофи касалӣ вобастагӣ дорад. Меъёри сарфаи ақаллиаш аз оғози нашъунамо истифода мешавад ва ё ҳангоми сироятшавии паст; ҳадди зиёдтарин - ҳангоми инкишофи пурраи болои барг ва ё ҳангоми сироятёбии баланд. Муҳлати коркард: ҳангоми пайдошавии нишонаҳои аввалини касалӣ. Фосилаи байни коркард: 7 - 14 рӯз буда, тавсия дода мешавад, ки бо фунгитсидҳои дигари алоқавӣ барои пешгирии устуворӣ иваз карда шавад.

**Заҳрнокшавӣ**

Истифодабарии заҳрдору мутобиқи тавсияаш барои наботот заҳрнок нест. Барои муҳити атроф камхатар бошад ҳам, зарур аст, ки қоидаҳои бехатарӣ риоя шавад.

**Меъёри сарфа ва мавзеи зараррасон**

<table>
<tr><th>Зироат</th><th>Мавзеи зараррасон</th><th>Меъёри сарфа (л/га)</th><th>Муҳлати коркард</th><th>Вақти интизорӣ (рӯз)</th><th>Маротибаи коркард</th></tr>
<tr><td>Ток</td><td>Гардзанӣ</td><td>0,4 - 0,5</td><td rowspan="2">Пошидан дар давраи нашъунамо бо эмулсияи 0,05% заҳрдору</td><td rowspan="6">20</td><td>4</td></tr>
<tr><td>Олучабандак (модарӣ)</td><td>Коккомикоз</td><td>0,3 - 0,4</td><td rowspan="4">2</td></tr>
<tr><td>Қулфинай</td><td>Гардзанӣ</td><td>0,3 - 0,5</td><td>Пошидан то гулкунӣ ва баъди ҷамъоварии ҳосил бо эмулсияи 0,05% заҳрдору</td></tr>
<tr><td>Тамашк (парваришхона)</td><td>Доғзании қирмизӣ, пӯсиши хокистарранг</td><td>0,3 - 0,6</td><td>Пошидан дар давраи нашъунамо бо эмулсияи 0,05 - 0,1% заҳрдору</td></tr>
<tr><td>Бодиринг дар замини кушод</td><td>Гардзанӣ</td><td>0,125 - 0,5</td><td>Пошидан дар давраи нашъунамо бо эмулсияи 0,025% заҳрдору</td></tr>
<tr><td>Шафтолу</td><td>Гардзанӣ, пӯсиши мевагӣ</td><td>0,5 - 1,0</td><td>Пошидан дар давраи нашъунамо бо эмулсияи 0,05% заҳрдору</td><td>4</td></tr>
</table>

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Қоти сиёҳ | Гардзанӣ | 0,3 - 0,4 | Пошидан дар давраи нашъунамо бо эмулсияи 0,025-0,05% захрдору | | |

**Калибровкакунӣ**

| **Мавзеи зараррасон** | **Миқдори захрдору барои 1 маротиба пур кардани дорупошак вобаста ба майдон, мл** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Майдон дар садяк | **0,5** | **1,0** | **1,5** | **2,0** | **2,5** | **3,0** |
| Гардзанӣ (ток) | 2,5 | 5,0 | 7,5 | 10 | 12,5 | 15,0 |
| Гардзанӣ (кулфинай) | 2,5 | 5,0 | 7,5 | 10 | 12,5 | 15,0 |
| Гардзанӣ, пӯсиши хокистарӣ (шафтолу) | 5,0 | 10 | 15 | 20 | 25 | 30 |
| Коккомикоз (олучабандак) | 20 | 40 | 60 | 80 | 100 | 120 |

- Ҳаҷми 1 дорупошак - 5 - 15 литр.
- Дар саҳифаи 23 маълумоти муфассал доир ба истифодабарии ҷадвали калибровкакунӣ пешниҳод шудааст.
- Усули калибровкакунии контсетратсионӣ: **Топаз - 6,0 мл дар 10 л об.**
- Дар саҳифаи 24 маълумот доир ба усули калибровкакунии консетратсионӣ пешниҳод шудааст.



# ТОПСИН-М

***Фунгитсиди мунтазами ҳифзӣ ва амалаш табобатӣ***

**Моддаи таъсиркунанда: Тиофанат-метил**

**Шакли ташреҳкунанда: 70 % хокаи намкардашуда**

**Механизми амалкунанда**

Заҳрдоруи амалаш мунтазами ҳифзӣ ва табобатӣ. Ба растанӣ аз байни решааш дохил мешавад ва бо системаи рагҳо ба боло ҳаракат мекунад. Давраи муҳофизаташ 12 - 15 рӯз буда, бар зидди гардзанӣ самаранок мебошад.

**Хусусиятҳои истифодабарӣ**

Дар об кам маҳлул. Барои дорупошакҳои дастӣ коршоям аст. Барои пошидани растаниҳо дар давраи нашъунамо, ҳангоми пайдошавии нишонаҳои аввалини касалӣ тавсия шудааст. Заҳрдору бо заҳрдоруҳои дар таркибаш мисдошта мутобиқ нест. Ҳангоми истифодабарии пайдарпай ба заҳрдору зуд устуворӣ пайдо мешавад.

**Заҳрнокшавӣ**

Дар вояи тавсия додашуда барои наботот безаҳр аст, ба хатарнокии синфи IV тааллуқ дорад. Барои ҳайвонҳои гармхун камзаҳр аст. Аз байни пӯст суст дохил мешавад, пардаи луобиро озор намедиҳад. Барои моҳӣ заҳрнок мебошад. Зарур аст, ки аз ифлосшавии обанбор ва чашмаҳои оби нӯшокӣ аз боқимондаҳои заҳрдору ва оби он, ки барои шустушӯи зарфу таҷҳизотҳои дигар истифода шудаанд, бояд худдорӣ кард. Барои парандаҳо ва занбӯри асал камзаҳр аст. Барои тухмҳои тиллочашмак хатарнок буда, барои кирмина бехатар аст.

**Меъёри сарфа ва мавзеи зараррасон**

| Зироат | Мавзеи зараррасон | Меъёри сарфа (кг/га) | Муҳлати коркард | Вақти интизорӣ (рӯз) | Маротибаи коркард |
|---|---|---|---|---|---|
| Гандум, ҷави баҳорӣ ва тирамоҳӣ | Гардзанӣ | 1,0 - 1,2 | Пошидан дар давраи нашъунамо | 20 | 2 |
| Лаблабуи қанд | Гардзанӣ, серкоспороз | 0,6 – 0,8 | | 20 | 3 |
| Бодиринг дар замини кушод | Гардзанӣ, | 0,8 – 1,0 | | 7 | 4 |
| Себ, нок | Гардзанӣ, кӯтур, монилиоз | 1 - 2 | | 20 | 5 |
| Олучабандак | Коккомикоз | 1,0 | | 20 | 4 |
| Ток | Гардзанӣ, пӯсиши хокистарранг | 1,0 – 1,5 | | 30 | 5 |
| Қоти сиёҳ | Гардзанӣ, антракноз | 0,8 – 1,0 | Пошидан то гулкунӣ ва баъди ҷамъоварии ҳосил. Дар парваришгоҳҳо ва модарӣ бе маҳдудият | - | 2 |
| Шафтолу | Гардзанӣ, кӯтур, монилиоз | 2,9 | Пошидан дар давраи нашъунамо бо маҳлули 0,29% корӣ | 30 | 1 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Олу | Сӯрохии доғдор, пӯсиши мевагӣ, монилиоз | 2,0 | Пошидан дар давраи нашъунамо бо маҳлули 0,1 - 0,2% корӣ | 16 | 2 |

**Калибровкакунӣ**

| **Мавзеи зарраррасон** ↓ | **Миқдори заҳрдору барои 1 маротиба пур кардани дорупошак вобаста ба майдон, гр.** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Майдон дар садяк → | **0,5** | **1,0** | **1,5** | **2,0** | **2,5** | **3,0** |
| Гардзанӣ (гандум, чав) | 6 | 12 | 18 | 24 | 30 | 36 |
| Гардзанӣ, серкоспороз (лаблабуи қанд) | 4 | 8 | 12 | 16 | 20 | 24 |
| Қӯтур, гардзанӣ, монилиоз (мевагиҳо) | 10 | 20 | 30 | 40 | 50 | 60 |
| Гардзанӣ (бодиринг) | 5 | 10 | 15 | 20 | 25 | 30 |

- Ҳаҷми 1 дорупошак - 5 - 15 литр.
- Дар саҳифаи 23 маълумоти муфассал доир ба истифодабарии ҷадвали калибровкакунӣ пешниҳод шудааст.
- Усули калибровкакунии контсетратсионӣ: **Топсин-М - 15,0 гр. дар 10 л об.**
- Дар саҳифаи 24 маълумот доир ба усули калибровкакунии консетратсионӣ пешниҳод шудааст.



# ТИЛТ

***Фунгитсиди амалаш ҳифзӣ ва маҳвфкунанда***

**Моддаи таъсиркунанда: Пропиконазол**

**Шакли ташреҳкунанда: 25 % эмулсияи консентратӣ**

**Механизми амалкунанда**

Заҳрдоруи амалаш мунтазами муҳофизӣ ва табобатӣ. Ба растанӣ дохил мешавад ва бо системаи рагҳо ҷой иваз мекунад. Давраи ҳифзиаш 14 - 15 рӯз тӯл мекашад. Бар зидди занги зард, сиёҳтоб ва поягӣ, гардзанӣ самаранок аст.

**Хусусиятҳо истифодабарӣ**

